# МАЪЛУМОТНОМА

## оид ба натиҷаи санҷиши ҳолати иҷрои «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

шаҳри Душанбе 14 сентябри соли 2020

Дар асоси фармоиши Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2020, №84 бо мақсади таъмини иҷрои банди 4-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Дар бораи Стратегияи муковимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ҳолати иҷрои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи мазкур дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Санҷиш оғоз ёфт: - 1 сентябри соли 2020

Санҷиш анҷом ёфт: - 10 сентябри соли 2020

Санҷиш ба пуррагӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт фаро гирифт.

Муайян карда шуд, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 таъсис дода шудааст.

Тибқи банди 1-и Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ карда шудааст, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи назорати давлатии пардохти пурра ва саривақтии андозҳо мебошад.

Тибқи замимаи 2-и Низомнома сохтори Дастгоҳи марказии Кумита аз роҳбарият, раёсатҳои аудити дохилӣ, молиявию хоҷагидорӣ, кадрҳо ва корҳои махсус, баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, бақайдгирии андозсупорандагон, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ситонидани (рӯёнидани) қарзи андозҳо, такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, таъмини ҳуқуқӣ, санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ ва шуъбаҳои технологияҳои иттилоотӣ, ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ ва робита бо воситаҳои ахбори омма иборат мебошад.

Дар ҷараёни омӯзиши ҳуҷҷатҳо муайян карда шуд, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» барои таъмини иҷро ба Кумита 06 сентябри соли 2013 ворид гардида, аз давраи ворид гардидани Фармони мазкур ҳолати таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи он дар Кумита ду маротиба моҳи майи соли 2017 ва моҳи марти соли 2019 тибқи фармоишҳои

Директори Агентии назорати давлатии молияви ва мубориза бо корруисияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2017, №164 ва аз 4 марти соли 2019, №24 мавриди санҷиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Санҷиши соли 2017 нишон додааст, ки аз ҷониби масъулини Кумита аз 36 банди Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия пешбинишуда талаботи 32 банд ба иҷро расонида шуда, 4 банди он бошад, яъне бандҳои 29, 50, 51 ва 60 иҷро нагардидааст.

Санҷиши соли 2019 бошад нишон додааст, ки аз 36 банди Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия пешбинишуда талаботи 32 банд ба иҷро расонида шуда, 4 банди он, яъне бандҳои 1, 39, 61 ва 78 қисман иҷро гардидааст.

Аз натиҷаи санчишҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида унвонии роҳбарияти Кумита пешниҳод аз 19 июни соли 2017, №10.1/1.2-817 ва аз 28 марти соли 2019, №4.1/1.2-934 ирсол карда шудааст.

Таҳлили бартараф кардани камбудиҳои дар рафти санҷишҳои қаблӣ ошкоргардида нишон дод, ки онҳо аз ҷониби масъулини Кумита бартараф карда шуда, ба Агентӣ бо мактуби содиротӣ аз 11 августи соли 2017, №10794/11.1 ва 25 апрели соли 2019, №6143/11.1 ахбороти муфассал пешниҳод карда шудааст.

Дар натиҷаи санҷиши навбатии фаъолияти минбаъдаи Кумита ва зерсохторҳои он вобаста ба амалӣ намудани Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия муайян карда шуд, ки тибки Накша Кумита дар доираи фаъолияти худ аз 89 банд дар таъмини иҷрои ду банд - 56 ва 79 ҳамчун иҷрокунандаи бевосита, дар таъмини иҷрои талаботи 23 банд - 13, 16, 23, 27, 35, 47, 50, 51, 55, 58, 59, 60, 61, 63, 64, 65, 71, 72, 77, 78, 86, 87 ва 88 дар баробари дигар вазорату идораҳои асосӣ ба ҳайси ҳамиҷрокунанда ва дар таъмини иҷрои 11 банд - 1, 2, 3, 11, 14. 24. 25, 39. 44, 46 ва 48, ки хусусияти умумӣ дошта, барои вазорату идораҳои дахлдор пешбинӣ карда шудаанд, масъул мебошад.

Аз ҷониби масъулини Кумита ҷиҳати таъмини иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ки дар боло ишора рафт, корҳои муайяне ба иҷро расонида шудаанд.

Чунончи, банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" тақозо мекунад, ки тибқи моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бояд оид ба масъалаҳои пешгирии коррупсия дар мақомоти давлатӣ сохтори назорати дохилӣ ва воҳидҳои кории он муайян карда шавад.

Кумитаи андоз камбудиҳои дар санҷиши соли 2019 пешниҳодгардидаро ба назар гирифта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2019, №604 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №456", ки тибқи он сохтори дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар таҳрири нав ифода ёфт, дар сохтори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз "Бахши пешгирии коррупсия дар мақомоти андоз"-ро таъсис дода, воҳидҳои корӣ онро (2 адад) муайян намудааст.

Банди 2-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия таҳияи Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионӣ ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи онҳоро тақозо мекунад. Тибқи талаботи "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" вазорату идораҳо бояд дар тамоми давраи татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Стратегия Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионӣ таҳия ва тасдиқ намоянд.

Ҷиҳати иҷрои талаботи банди мазкур дар Кумита аз 01 ноябри соли 2013 Нақшаи кории дохилиидоравии Кумита оид ба иҷрои Стратегия барои солҳои 2013-2014 дар 30 банд таҳия ва тасдиқ карда шуда, дар ин замина бо фармоиши дигари Кумита аз 30 майи соли 2014, №163 Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионии мақомоти андоз ба тасвиб расонида шудааст.

Инчунин, дар Кумита минбаъд барои ҳар ду сол Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии татбиқи Стратегия бо фармоишҳои Кумита аз 10 феврали соли 2015, №39, аз 17 июли соли 2017, №307 ва аз 14 феврали соли 2019, №67 барои солҳои 2015-2016 дар 36 банд, солҳои 2017-2018 дар 30 банд ва барои солҳои 2019-2020 дар 22 банд таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Тарзи тартиб додани нақшаҳо ва бандҳои ҷиҳати таъмини иҷро гузошташуда пурра ба талаботи Нақшаи чорабиниҳои асосии татбиқи Стратегия мувофиқат мекунанд.

Банди 3-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия назоратбарӣ ва баррасии даврии ҷараёни иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Стратегия, барнома ва нақшаҳои чорабиниҳои идоравӣ, санҷишу таҳлили иҷрои онҳо, дар асоси иттилооти соҳавӣ пешниҳод намудани ҷамъбасти солонаро талаб мекунад.

Иҷрои ин банди мазкур дар Кумита дуруст ба роҳ монда шуда, бо ҷамъбасти ҳар сол ба Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот вобаста ба рафти иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия ирсол карда шудааст.

Банди 11-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия дар ҳолати зарурӣ дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ҷалб намудани собиқадорони ба синни нафақа расидаи соҳаҳои хизмати давлатӣ ба сифати мутахассис-машваратчиро талаб мекунад.

Бо мақсади ба кор ҷалб намудани кадрҳои баландихтисоси ба синни нафақа расида ва пешгирии ихроҷи иқтидори зеҳнии мақомот дар Кумитаи андоз пайваста чораҳои зарурӣ андешида шуда, як қатор кормандони собиқадори соҳа баъди ба нафақа баромадан низ тибқи созишнома ба кор қабул гардидаанд. Айни замон 8 нафар собиқ кормандони мақомоти андоз, ки дар солҳои 2015-2019 ба нафақа баромадаанд, ба тариқи созишномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб карда шуда, дар сарраёсату раёсатҳо ва нозиротҳои андоз ба ҳайси корманди шартномавӣ (машваратчӣ) фаъолият намуда истодаанд.

Банди 13-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия ба роҳ мондани омӯзиши масоили коррупсия, идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ, таҳлили сабабҳои мавҷудияти коррупсия дар байни кормандони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, мунтазам гузаронидани таҳқиқотҳои илмию амалии масоили муҳими мубориза бо коррупсия ва таҳияи тавсияҳои методӣ ҷиҳати беҳтар намудани самараи тафтишот баҳри пешгирии коррупсия, ташкили таҷрибаомӯзӣ дар мақомоти зиддикоррупсионии хориҷии дорои таҷрибаи пешқадам ва ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва кор бо техникаи махсусро пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони мақомоти андоз ҷиҳати омӯзиши масоили зиддикоррупсионӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ пайваста дар Маркази такмили ихтисоси Кумита курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ташкил карда шудааст.

Инчунин, дар Маркази такмили ихтисоси Кумита ва бахшҳои он дар вилоятҳои Суғду Хатлон дар баробари омӯзиши қонунгузории андози ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мавзуъҳои мубориза ба коррупсия, таҳкиму такмили асосҳои ҳуқуқии мубориза ба коррупсия ва тақвият бахшидан ба раванди муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб, инчунин маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва зиддикоррупсионӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Ҳамзамон, тибқи дастуру супоришҳои дахлдор иловатан ба мавзуъҳои дар боло зикршуда, дар барномаи таълимӣ боз ду мавзӯи рӯзмарра дохил карда шудааст. Аз ҷумла, "Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа ва омили таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушди иқтисодиву иҷтимоии давлат" ва омӯзиши "Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ). Инчунин, мавзуъҳо ба шунавандагон бо истифода аз слайдҳо ва дар шакли интерактивӣ ва наворҳои омодашуда пешниҳод карда мешавад.

Бо ташаббуси роҳбарияти Кумита барои гузаронидани машғулиятҳои тахассусӣ бо кормандони мақомоти андоз дар ҳолати зарурат мутахассисони баландихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, марказҳои илмию тадқиқотӣ ва кормандони дигар мақомоти давлатӣ низ ҷалб карда мешаванд.

Дар Кумита курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва кор бо компютер ба роҳ монда шуда, дар соли 2018 30 нафар кормандони мақомоти андоз дар ду гурӯҳ курсҳои омӯзишии забони англисӣ ва кор бо компютерро хатм намудаанд.

Мутаассифона, соли дар 2020 ба раванди муътадили баргузории машғулиятҳои тахассусӣ дар давоми моҳҳои апрел – май ва нимаи аввали моҳи июни соли ҷорӣ паҳншавии бемории сироятии "COVID-19" таъсири манфии худро расонид. Бинобар ин, ҷиҳати андешидани чораҳои зиддиэпидемикӣ, пешгирии интиқол, пайдоиши сирояти ин беморӣ ва кам намудани эҳтимолияти сироятёбии кормандон ба он, баргузории

машғулиятҳо маҳдуд карда шуданд.

Банди 14-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия тақвияти дастгирии иҷтимоии кормандони макомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар барои фароҳам овардани шароити мусоиди манзилию маишӣ, аз ҷумла таъмини онҳо ба ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзил ва дарёфти сарчашмаҳои дастгирии молиявии онҳоро пешбинӣ менамояд.

Бо мукофотҳои давлатию соҳавӣ сарфароз гардонидани кормандони мақомоти андоз ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дошта, фаъолияти софдилонаю арзанда ва натиҷаҳои хубу назарраси кормандони мақомот пайваста қадрдонӣ карда мешавад.

Қобили қайд аст, ки барои кормандони мақомоти андоз дар Дастгоҳи марказии Кумита ва мақомоти ҳудудии андоз шароити мусоиди корӣ фароҳам оварда шуда, кормандон бо утоқҳои корӣ ва техникаи муосир - компютерҳо, факсҳо ва дастгоҳи нусхабардорӣ таъмин карда шудаанд. Ҷиҳати беҳтар намудани шароит ва ҳифзи меҳнат дар Кумита номгӯи чорабиниҳо доир ба нақшаи комплексии беҳтар намудани шароити меҳнат, ҳифзи меҳнат ва чорабиниҳои санитарию тандурустӣ, қоидаҳои тартиботи рӯзи корӣ ва чорабиниҳо доир ба таъмини бехатарии зиддисӯхтор дар корхона таҳия ва аз ҷониби Раиси Кумитаи андоз ва Раиси иттифоқи касабаи корхона тасдиқ карда шудаанд.

Ҳамчунин, дар соли 2019 аз тарафи Кумитаи андоз ба 82 нафар эҳтиёҷмандон аз ҷумла, 38 нафар кормандони эҳтиёҷманди мақомот, 37 нафар собиқадорони мақомот ва 13 нафар маъюбону эҳтиёҷмандон кӯмаки якдафъаинаи молиявӣ расонида шуд.

Банди 16-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия тибқи тартиби муқарраргардида бастани созишномаҳои байналмилалӣ оид ба кӯмакрасонӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи бар зидди коррупсия мубориза баранда ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти муқовимат ба коррупсияро пешбинӣ менамояд.

Кумита дар иҷрои банди мазкур ба ҳайси ҳамиҷрокунанда маҳсуб ёфта, иҷрокунандаи асосии он Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Масъулини Кумита вобаста ба масъалаи ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо вазорату идораҳои дахлдор дар таҳия ва баррасии лоиҳаҳои созишномаҳои байналмилалӣ оид ба кӯмакрасонӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи бар зидди коррупсия мубориза баранда ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти муқовимат ба коррупсия омодаанд, ки ҳангоми ворид гардидани лоиҳаҳои мазкур онро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои худро манзур намоянд.

Дар банди 23-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия пешгирии ҳолатҳои хароҷоти ғайриқонунии маблағҳо, вайронкунии интизоми молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо, пешгирии коррупсия дар соҳаи молия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки пешгирии коррупсия пешбинӣ карда шудааст.

Барои роҳ надодан ба амалҳои ғайриқонунӣ, ҳолатҳои коррупсионӣ,

риояи тартиби хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва таъмини мақсадноки хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва махсус дар Кумитаи андоз фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 13.10.2017, №769 алоҳида ба тасвиб расонида, тибқи фармоиши мазкур Комиссияи салоҳиятнок таъсис дода, барои назорати таъмини истифодаи мақсадноки воситаҳои буҷетӣ вазифадор карда шудааст. Инчунин, ҷиҳати таъмини истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва махсус, пардохти ҳама гуна маблағҳо тибқи моддаҳои хароҷотӣ аз тарафи Саридораи Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба тариқи озмун (тендерӣ) танҳо тавассути бонкҳо анҷом дода мешавад. Сохтмони нави биноҳои маъмурӣ барои мақомоти андоз низ, тибқи меъёрҳои амалкунанда дар мувофиқа бо ташкилотҳои дахлдор дар доираи маблағҳои ҷудошуда анҷом дода мешаванд. Таъмини истифодабарии мақсадноки маблағҳо, иҷрои сифатноки корҳои сохтмонӣ, пешгирии қонунвайронкунию изофанависӣ таҳти назорати доимии роҳбарияти Кумита қарор дорад.

Дар банди 24-и Нақша чорабиниҳои татбиқи Стратегия татбиқи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ», такмили низоми ғайринақдии пардохтҳо дар муносибатҳои молиявии ҳамаи сатҳҳо, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди қабули қарорҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, назоратбарӣ ва мониторинги амалишавии онҳо, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санади қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пардохту хизматрасониҳо ва тартиби пардохтҳои ғайринақдӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур дар Кумита аз 01 майи соли 2018 дар сомонаи Кумита шакли нави хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷорӣ карда шуда, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо истифода аз он имконият доранд, ки бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии БДА "Амонатбонк" маблаги пардохти андозҳоро аз объектҳои ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёт ва пардохти боҷи давлатӣ бо истифодаи кортҳои пластикии бонкӣ пардохт намоянд.

Инчунин, дар соли 2018 сомонаи Кумита пурра навсозӣ карда шуда, гурӯҳбандии бахшҳои он такмил дода шудааст. Айни ҳол сомонаи Кумита дорои бахш ва қисматҳои зерин, ба монанди бахши хизматрасониҳои электронӣ, ки дорои утоқи шахсии андозсупоранда, имконияти донистани РМА, феҳристи ягонаи давлатӣ (маълумот дар бораи шахсони ҳуқуқӣ ва намояндагони филиалҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ), портали хизматрасонӣ барои пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ барои хизматчиёни давлатӣ мебошад. Бахши мазкур ба андозсупоранда имконият медиҳад, ки қисми зиёди корҳои худро вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ба тариқи онлайн анҷом диҳад.

Банди 25-и Нақшаи чорабиниҳои Стратегия ташкил ва баргузор кардани чорабиниҳоро ҷиҳати муайян намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия, инчунин, мунтазам гузаронидани вохӯриҳоро (бо истифода аз

воситаҳои ахбори омма ва интернет) аз ҷониби кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ пешбинӣ менамояд.

Таҷрибаи ҳаррӯзаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар–машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Тибқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида муайян карда шуд, ки дар соли 2019 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумита дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон дар маҷмӯъ зиёда аз 3440 семинар–машварат ва вохӯриҳо баргузор карда шуд, ки нисбат ба соли 2018   459 адад зиёд мебошад.

Илова бар ин, бо фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.06.2018, №271 Нақшаи баргузор намудани семинар–машваратҳо бо кормандони мақомоти андоз вобаста ба пешгирии шомилшавии кормандон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ, инчунин муқовимат бо коррупсия тасдиқ гардидааст.

Бо мақсади гузаронидани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, вобаста ба мавзӯъҳои дарҷгардида бо кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар ВМКБ, бо фармоиши Кумитаи андоз аз 09.08.2019, №1316 с/х гурӯҳи корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ сафарбар гардида буд.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандону андозсупорандагон ва пайваста беҳтар намудани сифати онҳо яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти Кумитаи андоз ба ҳисоб рафта, бо мақсадҳои зикршуда барои қабули муроҷиатҳо сомона, почтаи электронӣ, рақамҳои содакардашудаи телефонии “151 ва 152” Бахши иттилоотӣ (Контакт-сентр) ва рақами телефони боварии Раиси Кумитаи андоз ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми соли 2019 ба Бахши иттилоотӣ дар маҷмуъ 34722 муроҷиатҳо оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбати соли 2018   1286 адад зиёд мебошанд.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳо 18933 адад ба шахсони воқеӣ, 14894 адад ба шахсони ҳуқуқӣ ва 895 адад ба шахсоне, ки тавассути усули “Чат” муроҷиат намудаанд, рост меоянд.

Инчунин, дар ин давра 757 адад муроҷиатҳо тавассути почтаи электронии «info@andoz.tj» ва 5833 адад муроҷиатҳо ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба РМА бо рақами содакардашудаи “152” ворид гардидааст.

Ҳамзамон, барои маълумот қайд менамоем, ки санаи 21.09.2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии аъзои гурӯҳи кории Маркази байниидоравии илмию тадқиқотии назди Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳайати муовини Директори донишкадаи мазкур Юсупов Азам Қараевич, муаллими калони Донишкада Мирзоев

Қурбоналӣ Туйхонович, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода Матин ва муовини сардори Раёсати таҳлили хавфҳои коррупсия ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Турсунзода Шодком доир ба ҳадаф, мақсад ва вазифаҳои «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020», бо иштироки кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, Раёсат ва нозиротҳои андози шаҳри Душанбе баргузор гардидааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2020 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 370 семинар–машварат ва вохӯриҳо баргузор карда шудааст.

Бо истифода аз толорҳои видеоконференсия дар бинои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз доир ба мавзуҳои пешниҳоди эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида, анбори электронӣ якчанд маротиба видеоконференсияҳо ташкил ва гузаронида шуд. Чунки шакли омӯзиш имкон медиҳад, ки маблағҳои буҷетӣ сарфа гардида, фаврияти маълумотнокии кормандон ва андозсупорандагон аз тағйиротҳо ба қонунгузории андоз таъмин гардадааст.

Инчунин, дар ин давра ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.02.2020, №25373 (23-3), бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 21.02.2020, №100 нақшаи гузаронидани семинар–машваратҳо бо вазорату кумитаҳои давлатӣ ва ташкилоту идораҳо тасдиқ гардида, тибқи он бо кормандони як қатор вазорату идораҳо, аз ҷумла Вазорати нақлиёт, Вазорати фарҳанг, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди маъмурикунонии андоз, хизматрасониҳои мақомоти андоз, бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақомоти андоз семинар–машваратҳо гузаронида шудааст.

Банди 27-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия истифодаи васеи воситахои ахбори омма дар самти таргибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, инчунин, нашр ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба коррупсияро пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Кумита дар соли 2019 оид ба қонуншиканӣ дар соҳаи андоз аз ҷониби соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ маводҳои таҳлилӣ омода намуда, дар рӯзномаи соҳавии “Боҷу хироҷ” чоп ва манзури андозсупорандагон гардонидааст. Аз ҷумла, “Пардохтҳои ғайринақдӣ – омили рушди иқтисодиёт” №7 (1156) 14.02.2019, “Тадбирҳои судбахш” №11 (1160) 14.03.2019, “Ошкор ва барқарорсозии маблағҳои андоз” №36 (1185) 05.09.2019, “Таъмини риояи қонунгузорӣ” №45 (1194) 06.11.2019 ва ғайра.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои мухталифи телевизионии давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ ва радиоҳои гуногун, рӯзномаҳою маҷаллаҳои даврӣ дар маҷмӯъ 775 барнома, эълон ва мақолаҳои фаҳмондадиҳӣ ба тасвиб

расонида шудааст, аз ҷумла тавассути барномаҳои телевизионӣ 369 адад, радио 216 адад барномаҳо ва ба воситаи журналу маҷаллаҳо 190 адад.

Ҳамзамон, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва дониши ҳуқуқӣ дар байни ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар рӯзномаи соҳавии "Боҷу хироҷ" вобаста ба тағйиру иловаҳо ба қонунгузории соҳа, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, мактубҳои тавзеҳотӣ, инчунин оид ба ҳолатҳои номатлуби коррупсионӣ пайваста маводҳо ба нашр расонида мешаванд.

Кумитаи андоз дар нимсолаи аввали соли 2020 барои боз ҳам тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳиву тавзеҳотӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти андоз мебошад, ҷиҳати сари вақт ба самъи андозсупорандагон расонидани ҳар як навгониву дигаргуниҳои соҳа ва дар ин замина ба роҳ мондани робитаи боз ҳам бештари мақомоти андоз бо воситаи ахбори омма (ВАО) як қатор барномаҳои соҳавиро таҳия карда, тавассути шабакаҳои телевизионӣ, радио, матбуоти даврӣ ва дигар расонаҳои хабарӣ пахн намуд. Аз ҷумла, 10 барномаи "Андоз бақои давлат" 36 маротиба (бо назардошти такрор) таҳия шуда, манзури тамошобинон гардидааст.

Инчунин, 90 маротиба мақолаю суҳбатҳо, хабару эълонҳо ва роликҳои таблиғотӣ оид ба пинҳонкунии андозҳо, андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул, тартиби дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз, ройгон гузаронидани хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон, вайрон намудани одоби хизматчии давлатӣ, содир намудани беамалӣ, дағалӣ ва дигар рафторҳои хусусияти коррупсионидошта, назорати истифодабарии ҳисобнома–фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА), муроҷиати шаҳрвандон тавассути почта, телефон, сомона, фаъолият намудани соҳибкорӣ бидуни қайд, истифода нагардидани мошинаи назорати хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ), бе ҳуҷҷат анҷом додани амалиётҳо, раванди амалӣ намудани моделҳои нави барномаи СМИИА, сатҳи хизматрасонии кормандони мақомоти андоз, фарҳанги андозсупорӣ, бақияи қарзи андоз, "Барномаи рушди маъмурикунонии андоз" ва дигар самтҳои фаъолияти Кумитаи андоз пешкаши бинандагону хонандагон гардонида шудааст.

Ҳамзамон, дар ин давра дар рӯзномаи соҳавии "Боҷу хироҷ" чор мақолаи таҳлилӣ – "Коррупсия–зуҳуроти номатлуб" №10 (1211), аз 05.03.2020, "Шарҳи қонунгузории андоз" №13 (1214), аз 02.04.2020 (Гузориш аз семинар–машварати Кумитаи андоз дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), "Ҷаримаи маъмурӣ, тарзи ҳисоб ва ва пардрхти он" №17 (1218), аз 30.04.2020 ва "Баррасии лоиҳаҳои қонунҳо дар парлумон" №24 (1225), аз 18.06.2020 нашр шудааст.

Банди 35-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия такмили механизми ҳуқуқии эъломиякунии даромадҳои шахсони мансабдори давлатӣ ва аъзои оилаи онҳоро пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади таъмини иҷрои банди мазкур ҷиҳати такмил додани механизми ҳуқуқии эъломия кардани даромадҳои хизматчиёни давлатӣ, аз

ҷумла шахсони мансабдори давлатӣ ва аъзои оилаи онҳо, дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда, дар он намояндаи Кумита аъзо мебошад.

Дар мақомоти андоз барномаи компютерии Системаи иттилоотии андоз "Портали хизматрасониҳо" мавриди амал ва истифодабари карор дода шуда, тибқи барномаи мазкур, хизматчиёни давлатӣ метавонанд бо тартиби муқарраргардида эъломия оид ба андоз аз даромадро ба мақомоти андози маҳаллӣ қайди худ ба воситаи барномаи мазкур тариқи шабакаҳои "Интернетӣ" дар шакли электронӣ пешниҳод намоянд.

Банди 39-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ки айнан талаботи банди 1-и Нақшаи мазкурро бо мақсади аз байн бурдани бархӯрди манфиатҳо ва дигар омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ дар хизмати давлатӣ тақозо мекунад, Кумита камбудиҳои дар санҷиши соли 2019 пешниҳодгардидаро ба назар гирифта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2019, №604 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №456", ки тибқи он сохтори дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ифода ёфт, дар сохтори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз "Бахши пешгирии коррупсия дар мақомоти андоз"-ро таъсис дода, воҳидҳои кории онро (2 адад) муайян намуд.

Талаботи банди 44-и Нақша чорабиниҳои татбиқи Стратегия таъсис ва ҷорӣ намудани сервери ҳукумати электрониро, ҷиҳати ба роҳ мондани мубодилаи фаврии иттилоот байни мақомоти давлатӣ ва ҷорӣ намудани гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ пешбинӣ менамояд.

Банди мазкур дар Кумита иҷро гардида, дар Кумита шабакаи ягонаи табодули маълумот байни Вазорати молия, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Хадамоти гумрук, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Агентии омор, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилӣ ва як қатор бонкҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда шудааст.

Доир ба муносибатҳои «Мақомот бо шаҳрвандон» (C2C) айни замон дар мақомоти андоз як қатор хизматрониҳо барои шаҳрвандон ба таври электронӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар сомонаи Кумита «Ҳисобкунаки андоз» (Налоговый калкулятор) ҷойгир карда шудааст, ки шаҳрвандон метавонанд тавассути он андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андозҳо аз молу мулкро (андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул) ҳисоб намоянд ва инчунин, ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва кам намудани вақт барои пардохти андозҳо ва боҷи давлатӣ, дар сомонаи Кумита шакли нави хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷорӣ карда шуд, ки бо истифода аз он шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз 1 майи соли 2018 имконият доранд бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии БДА ҶТ "Амонатбонк" маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози

замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ (“Viza”, “Master Card” ва “Корти миллӣ”) пардохт намуда, маблағҳои дигар андозҳоро дар ояида бо чунин тартиб пардохт намоянд. Тартиби мазкур айни замон бо Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон ва ҶДММ ТАҚХ “Алиф Сармоя” ба роҳ монда шудааст.

Инчунин, тибқи фармоиши Кумита аз 17 июли соли 2014, №205 барномаи компютерии “Ҳуҷҷатгузории электронӣ” мавриди истифода қарор дошта, тамоми коргузорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо ба таври электронӣ тавассути барномаи мазкур ба роҳ монда шудааст.

Ғайр аз ин, шакли электронии Кодекси андоз дар платформаи «Android» таҳия шудааст, ки шаҳрвандон метавонанд тавассути телефонҳои мобилии худ аз он истифода намоянд.

Банди 46-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ки муайян кардани механизми дар амал татбиқ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи имзои электронии рақамӣ”-ро пешбинӣ менамояд, Кумита дар асоси иҷозатномаи Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли соли 2016, №А000012 дорои имзои электронии рақмӣ (ИЭР) ба муҳлати 5 сол мебошад.

Банди 47-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ки пешбинӣ намудани вазифаи ҷамъоварии маълумоти заруриро зимни баррасии муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ такозо дорад, баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони масъули Кумита тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, №1339 ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Кумита ва сохторҳои зертобеии он тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 01.06.2017, №276 дар таҳрири нав таҳия гардида, тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси фармоши Раиси Кумита аз 27.10.2017, №489 тасдиқ карда шудааст.

Инчунин, дар Дастгоҳи марказии Кумита лавҳаи қабули шахрвандон насб гардида, қабули шаҳрвандон аз ҷониби Раис Кумита дар рӯзҳои чоршанбе ва шанбе муқаррар када шудааст.

Банди 48-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия ҷорӣ намудани фаъолияти доимии видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) дар нуктаҳои ҷамъиятӣ (кӯчаҳо, фурудгоҳҳо, хиёбонҳо, истгоҳҳои нақлиётӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ), толорҳои баргузории озмунҳо ва имтиҳонҳои қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, озмунҳо барои ишғоли мансаҳои хизмати давлатӣ, гузаронидани тендерҳою аукционҳо ва пахши ин ҷараёнҳо дар воситаҳои ахбори оммаро

пешбинӣ мекунад.

Бо мақсади таъмини амният дар биноҳо, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии амалҳои номатлуб ва назорати доимии вазъи ҷамъиятӣ ва иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2010, №АП-1366 «Оид ба насб намудани таҷҳизоти техникии назорати (камераҳои мушоҳидави) дар биноҳо ва иншооти муҳими давлатӣ» дар бинои Дастгоҳи марказии Кумита ва биноҳои мақомоти ҳудудии андоз аз ҳисоби маблагҳои дохилӣ таҷҳизотҳои мушоҳидавӣ васл карда шудааст.

Инчунин, дар толорҳои баргузории озмун барои ишголи мансаҳои хизмати давлатӣ видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) насб карда шуда, рафти баргузории озмун пурра ба навор гирифта, сабти он дар фитта нигоҳ дошта мешавад.

Дар банди 50-и Накшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия омӯзиши Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ”, “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон” ҷиҳати мутобиқгардонии онҳо ба ҳамдигар ва ҷорӣ намудани низоми шаффофияти маблағгузорӣ барои гузаронидани интихобот ва пешниҳоди ҳисобот пешбинӣ гардидааст.

Кумита вобаста ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” таклифу пешниҳодҳои худро ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби содиротӣ аз 9 январи соли 2017, №198/9.1 ирсол намудааст.

Банди 51-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия мавриди омӯзиш қарор додани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” ва “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” бо мақсади ҷорӣ намудани ошкори ҷалби маблағҳо барои гузаронидани интихобот ва пешниҳоди ҳисоботро пешбинӣ менамояд.

Кумита лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва «Оид ба ворид намудани тағйиру иловахо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъияти»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳои худро ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби содиротӣ аз 12 сентябри соли 2014, №9163/9.1 ирсол намудааст.

Банди 55-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии точикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сармоягузорӣ ва такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ” бо мақсади бунёди шароити иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ва аз байн бурдани “иқтисодиёти пинҳонӣ”, инчунин, расидан ба шаффофияти ҳадди

аксар ва батанзимдарории вазифаҳои назоратии мақомоти ваколатдори давлатӣ, бартараф намудани сабабҳои ихроҷи дороиҳо ва сармоягузориҳо ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баргардонидани онҳо ба бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ, ҳавасмандкунонии сармоягузориҳо, аз ҷумла сармояи ватани ба соҳаи истеҳсолии иқтисодиёти кишвар бо ҷалби Ассотсиатсияи соҳибкорони Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд.

Тибқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида санҷиш муайян намуд, ки дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои бандҳои 23, 27 ва 53-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2017, №АП-820 тасдиқ шудааст ва супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №13.5/24105 ва аз 25 апрели соли 2017, №24379(13-3), инчунин, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2017, №17657(25-2) ва аз 23 июни соли 2017, №47/6-25 “Гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисодиёт, молия ва сармоягузорӣ” таъсис дода шуда, дар он намояндаҳои Кумита шомил шудаанд. Дар доираи Гуруҳи кории мазкур лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия гардида, Кумита нисбати онҳо бо назардошти аз байн бурдани иқтисодиёти пинҳонӣ ва дигар омилҳои номатлуби коррупсионӣ таклифу пешниҳодҳои худро ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактубҳоп содиротӣ аз 15 майи соли 2017, №6555/9.1 ва аз 02 июни соли 2017, №7728/9.1 ирсол намудааст.

Ҳамзамон, бо дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудан фазои сармоягузорӣ ба қонунгузорӣ оид ба андоз тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд. Аз ҷумла:

-мувофиқи муқаррароти моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ба истиснои ашёи хоми дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, ки тартиб ва номгӯи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои андозу гумрук аз 04.04.2019, №1599 ва №1600).

Дар ин замина тибқи Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти

ниҳои воридшаванда ва Номгӯйи ашёи хоми дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.2019, №327 тасдиқ карда шудааст.

-тибқи талаботи моддаи 169 Кодекси андоз ва моддаи 345 Кодекси гумрук воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудааст (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодексҳои андозу гумрук аз 20.06.2019, №1620 ва №1621);

-мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019, №1620 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба қисми 4 моддаи 169 ва боби 47[1] Кодекси андоз тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки тибқи он субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба муҳлати 6 сол аз пардохти андозҳои зерин озод мебошанд:

-андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда);

-андоз аз арзиши иловашуда;

-андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

-андозҳо аз объектҳои ғайриманкул.

-тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.04.2019, №1604 ва аз 08.10.2019, №1647 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" тағйиру иловаҳо ворид гардида, мувофиқи онҳо андоз аз арзиши иловашуда дар соли 2019 барои воридоти гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ), таҳвили он ба корхонаҳои коркарди гандум, инчунин фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардашуда ба меъёри 10 фоиз муқаррар шуда, аз 1 августи соли 2019 воридоти чорвои хушзот ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд.

Банди 56-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз байн бурдани ҳолатҳои ғайриқонунии ташкил, таъсис ва аз нав ташкил кардани шахсони ҳуқуқӣ-"ширкатҳои якрӯза"-ро пешбинӣ намудааст.

Бояд қайд намуд, ки иҷрокунандаи бевоситаи банди мазкур Кумита буда, дар навбати худ бо мақсади аз байн бурдани ҳолатҳои ғайриқонунӣ ташкил, таъсис ва аз нав ташкил намудани шахсони ҳуқуқӣ-«ширкатҳои якрӯза», инчунин, пешгирӣ намудани амалиёти бақайдгирии ғайриқонунӣ ва пешгирии ҳолатҳои харид ва фурӯши ҳисса (саҳм) дар сармояи оиномавии шахсони ҳуқуқӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 14 декабри соли 2016, №1319, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2016, №1305 ва ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2016, №1310 тағйиру иловаҳо ворид

намудааст.

Банди 58-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқукии дахлдорро пешбинӣ менамояд, Кумита вобаста ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" таклифу пешниҳодҳои худро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби содироти аз 21 ноябри соли 2018, №16619/9.1 пешниҳод кардааст.

Банди 59-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия бошад, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барои ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи заминсозӣ", "Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ", "Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот", "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи иҷора", "Дар бораи ипотека" ва "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он"-ро пешбинӣ намудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Кумита бо мақсади иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.11.2018, №8696 (22.9) ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф намудааст, ки вобаста ба мушкилоти объектҳои давлатии хусусигардонишуда масъалаи мазкур дар доираи гурӯҳи корӣ мавриди баррасии ҳаматарафа қарор дода шавад.

Зимнан, дар соли 2018 табодули маълумот миёни Кумита ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ба воситаи Системаи автоматикунонидашудаи иттилоотии "Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии молу мулки ғайриманқул ва замин" ва Системаи иттилоотии андози Кумита пурра ба анҷом расонида шудааст.

Банди 60-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия дар заминаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ва таҳия намудани Кодекси одоби касбӣ ва ҷойгир кардани матни онро дар сомонаҳои мақомоти дахлдори давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур бо фармоиши Раиси Кумита аз 22 июни соли 2017, №270 «Кодекси одоби касбии корманди макомоти андоз» таҳия ва тасдиқ карда шуда, ба ҳамаи воҳидҳои сохтории мақомоти андоз барои шиносоӣ ва риояи ҳатмии мукаррароти он ирсол карда шудааст. Инчунин, омӯзиши Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз дар курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монда шуда, матни пураи он дар сомонаи Кумита ҷойгир карда шудааст.

Банди 61-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ки тариқи пилотӣ дар ҳолати набудани бархӯрди манфиатҳо ба хизматчиёни давлатӣ додани иҷозат барои машғул шудан ба соҳибкории хурд ва фаъолияти меҳнатии инфиродӣ, ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Кумита дар соли 2019 вобаста ба таъмини иҷрои банди мазкур Кумитаи андоз мактуби Агентии хизмати

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 06.08.2019, №02-1335 мавриди баррасӣ қарор дода, бо мактуби расмӣ аз 12.09.2019, №14053/11.1 таклифу пешниҳодҳои худро ба унвонии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст.

Банди 63-и Нақшаи чорабинихои татбики Стратегия тахия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қоиунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия", "Дар бораи мақомоти амнияти давлатӣ", Кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии граждание ва мурофиавии иқтисодиро пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Кумита ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумхурии Тоҷикистон таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод карда шудааст, таклифҳои худро пешниҳод намудааст.

Банди 64-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия ташкил намудани марказҳои байниидоравии илмию тадкикотӣ дар назди Донишкадаи такмили хизматчиёни давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони макомоти Прокуратураи генералӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳукук, макомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд.

Гарчанде, ки аз ҷониби Кумита марказҳои байниидоравии илмию тадқиқоти ташкил карда нашуда бошад ҳам, аммо ҷиҳати иҷрои талаботи банди мазкур дар соли 2018 9 нафар кормандони мақомоти андоз, аз ҷумла Собиров Н.Ф. - мутхассиси Раёсати таъмини ҳуқуқӣ аз рӯи барномаи "Сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистои", Мадаминова Г.К. муовини сардори Раёсати молиявию хоҷагидорӣ аз рӯи барномаи "Сиёсати давлатии иқтисодию молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Сайфиддинова М.А. - мутахассиси пешбари Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон аз рӯи барномаи "Идоракунии давлатӣ дар замони муосир" ва барномаи "Зан - роҳбар", Абдулов Б.Х.- мутахассиси Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, Зоиров Н.И. - мутахассиси Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Исмоилов М.О. - мутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Иззатуллоев К.С. - мутахассиси Маркази коркарди маълумоти Кумитаи андоз аз рӯи барномаи "Асосхои ҳуқуқии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Каримов Ф.Н. - мутахассиси пешбари Раёсати кадрхо ва корхои махсус аз рӯи барномаи "Татбиқи қонунгузории хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ" ба курсҳои такмили ихтисос дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бозомӯзӣ сафарбар карда шуда, баъди хатми он бо сертификат сарфароз гардонида шудаанд.

Банди 65-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия таҳия ва

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход намудани лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловахои дахлдор ба конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", "Дар бораи мурочиати шаҳрвандон" ва кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбиий меиамояд.

Ҷиҳати иҷрои талаботи банди мазкур аз ҷониби Кумита ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва «Дар бораи хизмати давлатӣ» таклифу пешниҳодҳо ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон бо мактубҳои содиротӣ аз 17 октябри соли 2016, №11600/9.1 ва аз 10 ноябри соли 2016, №12481/9.1 манзур карда шудаанд.

Инчунин, аз ҷониби Кумита дар соли 2019 оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ба унвони Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои дахлдор ирсол карда шуд (мактуб аз 29.03.2019, №4561).

Бо мақсади иҷрои дустуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалби сармоягузорӣ, таъмини рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ташкили пешбурди дурусти муҳосибот дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1676 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Кодекси андоз як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Дар моддаи 17 Кодекси андоз мафҳумҳои "махзани электронӣ" ва "мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ" мушаххас муқаррар карда шуд. Инчунин, ба Кодекси андоз моддаи $17^1$ мафҳуми "Утоқи шахсии андозсупоранда" ворид карда шуд. Ба моддаҳои 18 (**Ҳуқуқҳои андозсупоранда**) ва 19 (**Уҳдадориҳои андозсупоранда**) Кодекси андоз воридшуда ба тартиб додани санади муқоисавӣ аз ҷониби андозсупоранда бо мақомоти андоз вобаста мебошад.

Аз моддаи 109 Кодекси андоз меъёри «на кам аз 1 фоизаи даромади умумӣ» хориҷ карда шуд. Минбаъд, новобаста аз он, ки фаъолияти молиявии солонаи корхона бо зарар ҷамъбаст гардад ва ё маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида аз 1 фоизи даромади корхона кам бошад, корхона уҳдадор намешавад, ки андоз аз фоидаро аз даромади умумии солонаи худ на кам аз 1 фоиз ҳисоб ва пардохт намояд.

Бо мақсади рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, тақвият бахшидан ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин ҳавасманд намудани онҳо ҷиҳати истифода бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба моддаҳои 291, 292, 293 ва 296 (**андозсупоранда, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андоз**) Кодекси андоз тағйирот ворид карда шуд.

Меъёри низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд дар баробари намудҳои фаъолият (яъне истеҳсоли молҳо

ва дигар намуди фаъолият) аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ ва нақдӣ муқаррар карда шуд.

Меъёрҳо барои тартиби аз фоида ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашуда барои фаъолияти истеҳсоли мол аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ 13% ва аз рӯи амалиёти нақдӣ 14% барои намудҳои дигари фаъолият мувофиқан 15% ва 16% муқаррар карда шуд.

Меъёрҳо барои тартиби ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда аз даромади умумӣ бошад, барои фаъолияти истеҳсоли мол аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 4% ва амалиёти нақдӣ 5% ва барои намудҳои дигар фаъолият мутаносибан 5% ва 6% муқаррар карда шуд.

Барои истифода намудани чунин тартиби андозсупорандаи навтаъсис дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ва андозсупорандаи амалкунанда – то 31 декабри соли тақвимӣ ба мақомоти андоз ариза пешниҳод намояд.

Вобаста ба банди 71-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия оиди мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии рақобати озод қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019, №1620 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар асоси тағйирот ба моддаҳои 169 ва 313[1] Кодекси андоз воридшуда, имтиёзҳои андозӣ барои паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда дар баробари корхонаҳо, ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ба фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва чорво машғул мебошанд, татбиқ карда мешаванд. Яъне, тағйироти мазкур заминаи ҳуқуқии рақобати озодро дар ин соҳа фароҳам месозад.

Инчунин, бо мақсади кам намудани хароҷоти соҳибкорон ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва барҳамдиҳии (қатъи) фаъолият ва сарфа намудани вақт ва беҳтар намудани рақобатпазирии онҳо мутобиқи Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1681 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1680 "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" пардохти боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии (барҳамдиҳӣ, қатъи фаъолият) ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ, шахсони воқеии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда ва додани нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ бекор карда шуда, аз ҷониби мақомоти андоз ройгон анҷом дода мешавад.

Дар банди 72-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия баланд бардоштани сифати низоми интишори иттилоот оид ба тендерҳо барои хариди давлатӣ дар сомонаи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ. Нашри иттилооти муфассал оид ба харид ва фаъолияти комиссияҳои тендерӣ пешбинӣ шудааст.

Ҷиҳати роҳ надодан ба амалҳои ғайриқонунӣ, ҳолатҳои коррупсионӣ,

риояи тартиби хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва таъмини мақсадноки хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва махсус дар Кумита комиссияи салоҳиятнок дар асоси фармоиши Кумита аз 3 сентябри соли 2013, №305 таъсис дода шудааст.

Банди 77-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия манзур намудани пешниҳодҳо ҷиҳати такмили фаъолияти аудити дохилии вазоратҳои молия, маориф, тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика ва саноат, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони пешбарандаи ҳисоботи молиявию хоҷагидорӣ дар доираи стандартҳои байналмилалии молиявӣ ҳангоми қабул ва ба кор таъминкунии онҳоро пешбинӣ менамояд.

Кумита дар соли 2016 бо мақсади такмили фаъолияти аудити дохилӣ ва баланд бардоштани савияи дониши кормандон, тибқи фармоиши Кумита аз 16 июни соли 2016, №216 курсҳои кӯтоҳмудат дар мавзӯҳои усулҳои асоси назорати дохилӣ ва гузаронидани аудит бо истифода аз таҷрибаи байналмиллалӣ баргузор намудааст.

Инчунин, дар Кумита бо мақсади ба танзим даровардани санҷишҳои фаъолияти мақомоти андоз, такмил додани методология оид ба ташкили назорати дохилӣ ва ҷорӣ намудани тартиби ягонаи гузаронидани санҷишҳо мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» аз 21 июли соли 2010, № 631 ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиб «Оид ба гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти андоз» дар асоси фармоиши Кумита, ки аз 21 октябри соли 2014, № 319 тасдиқ карда шудааст, санҷишҳои аудитӣ тибқи тартиби мазкур гузаронида мешавад.

Банди 78-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ки ташкили курсҳо ва семинарҳоро барои кормандони мақомоти давлатии дахлдор оид ба масъалаҳои аудити беруна ва дохилӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур дар Кумита дар соли 2019 дар маҷмӯъ дар 35 давр 1030 нафар, аз ҷумла дар Маркази такмили ихтисоси Кумита дар 14 давр 642 нафар ва бахшҳои он дар вилоятҳо дар 21 давр 388 нафар кормандони мақомоти андоз бо курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Аз шумораи умумии шунавандагон ҷавонони то 30-сола 390 нафарро (338 мардон ва 52 занон) ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар маҷмуъ дар 16 давр 279 нафар, аз ҷумла дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз дар 6 давр 142 нафар ва бахшҳои он дар вилоятҳо дар 10 давр 137 нафар кормандони мақомоти андоз ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Аз рӯи мавзуҳои болозикр дар давраи ҳисоботӣ дар 3 давр ба 81 нафар шунаванда – кормандони мақомоти андоз дарсҳо гузаронида шудааст.

Дар ҳар як даври омузишӣ ба миқдори 3 соати машғулиятҳои амалӣ оид ба тартиби кор бо барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи

иттилоотии идоракунии андоз, инчунин тарзи истифодаи почтаи электронӣ ва кор бо барномаҳои Ms Word, Ms Excel гузаронида мешавад. Баъд аз анҷоми курсҳо, аз ҷониби комиссия санҷиши малакаи касбии ҳамаи шунавандагон гузаронида шуда, савияи дониши ҳар як корманд баҳогузорӣ карда мешавад.

Банди 79-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия ҷорӣ намудани механизмҳои ҳуқуқӣ ва молиявию иктисодии ҳавасмандгардонӣ барои андозсупорандагони бовиҷдонро пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур бо мақсади руҳбаланд ва ҳавасманд намудани андозсупорандагон ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги андозсупории онҳо аз ҷониби Кумита озмуни андозсупорандаи беҳтарин ҷорӣ карда шудааст. Дар ин замина, ҷиҳати ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бомасъулият тибқи фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 13.01.2020, №11 Комиссия оид ба муайян намудани андозсупорандагони беҳтарин таъсис дода шуда, ҳар сол бо ҷамъбасти сол ҳайати Комиссия дар асоси пешниҳодоти сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз андозсупорандаи беҳтаринро муайян намуда, онҳо мукофотонида мешаванд.

Аз ҷониби Кумита санаи 02.10.2019 дар доираи амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Меҳмонхонаи “Ҳайат Реҷенси” маросими тантанавии супоридани дипломи “Андозсупорандаи беҳтарини соли 2019” ва “Ифтихорнома” ба андозсупорандагоне, ки қонунгузории андозро софдилона иҷро намуда, маърифати баланди андозсупорӣ дошта, дар рушди иқтисодиёт ва қисми даромади буҷети давлатӣ саҳми арзанда гузоштаанд, баргузор гардидааст.

Бо назардошти нишондиҳандаҳои дар боло номбаршуда боз ба 38 адад субъектҳои хоҷагидор “Ифтихорнома”-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст.

Дар ҳошияи маросим “мизи мудаввар” дар мавзӯи «Мониторинги горизонталӣ» ҳамчун усули ташаккул додани муносибатҳои шариконаи мақомоти андоз бо андозсупорандагон» баргузор карда шуд, ки дар он роҳбарияти Кумитаи андоз ва сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна, роҳбарони субъектҳои хоҷагидор ва намояндагони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Банди 86-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия таҳияи пешниҳодоти зарурӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳо, созишномаҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ марбут ба масъалаҳои пешгирии коррупсияро пешбинӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки иҷрокунандаи асосии банди мазкур Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, Кумита дар баробари дигар вазорату идораҳои асосӣ ба ҳайси ҳамиҷрокунанда масъул дониста

шудааст. Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Кумита таклифу пешниҳодҳои худро ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст.

Банди 87-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии коррупсия ва ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии мутакобиларо пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур Кумита барои боз ҳам таквият бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии амалҳои коррупсионӣ ва ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии мутақобила тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2019, №115600(29-8) вобаста ба иҷрои мактуби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.10.2019, №1/12-7(5677) санаи 14.11.2019 бо коршиноси Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар шаҳри Душанбе дар соҳаи омӯзиши масъалаҳои зиддикоррупсионӣ мулоқоти расмӣ анҷом додааст.

Тибқи мулоқот ба намояндаи Кумита пурсишномаи муайянкунии мавзӯъҳои барои мулоқот муҳим оиди барномаҳои таълимӣ пешниҳод гардидааст, ки аз натиҷааш ба Вазорати корҳои хориҷӣ маълумот пешниҳод карда шудааст.

Банди 88-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани мониторинги иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, алалхусус Конвенсияи СММ зидди коррупсия. тавсияҳои СҲИР ва дигар икдомҳои пешбинишудаи минтақавӣ ва ба ҷомеаи байналмилалӣ додани иттилоъ оид ба натиҷаҳои онро пешбинӣ менамояд.

Кумита доир ба иҷрои баиди мазкур бо мактубҳои дахлдор ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти хаттӣ пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 январи соли 2017, №5316 (31-6) ва дархости Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09 январи соли 2017, №10.2/1.2-22 намояндагони Кумита дар «мизи мудаввар» оид ба таҳияи чорабиниҳои дахлдор барои қабули экспертони Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ, инчунин, ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) санаҳои 19 октябри соли 2018 ва 04 декабри соли 2018 дар ҷаласаҳои Гурӯҳи кории байниидоравии назди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намудаанд.

Ҳамин тариқ санҷишу таҳлиҳо нишон медиҳанд, ки дар Кумита иҷрои ҳамаи бандҳои дахлдори Накшаи чорабиниҳои татбиқи "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" таъмин карда шудаанд.

Қобили таъкид аст, ки тибқи талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекте, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамояд муқаррар гардидааст.

Аз ин лиҳоз, дар доираи талаботи муқаррароти мазкур, масъулини Кумитаро лозим аст, ки дар баробари таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 "Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2020" дигар чорабиниҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикорррупсиониро таъмин намоянд.

Маълумотномаро тартиб додем:

Муовини Сардори Раёсати
1-уми Сарраёсати муқовимат
ба коррупсияи Агентӣ,
подполковники адлия Турсунзода Ш. Х.

Сарнозири Раёсати 1- уми
Сарраёсати муқовимат
ба коррупсияи Агентӣ,
майори адлия

Шамсиддинзода Н. Ш.

Бо маълумотнома шинос шудам:

Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Давлатзода